**№3459/12.1. аз 05.04.2016**

Мақомоти ҳудудии андоз
Нусха: Шӯъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

«Оид ба қатъ намудани фаъолият»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиатҳои мунтазами андозсупорандагонро вобаста ба пешниҳоди маълумоти гумрукӣ ҳангоми қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, мавриди баррасӣ қарор дод.

Мутобиқ ба талаботи қисми 3 моддаи 30 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати гузаронидани санҷиши андози андозсупорандагоне, ки субъекти сохибкории хурд мебошанд, аз 10 рӯз зиёд буда наметавонад. Бо мақсади сариваќт баррасӣ намудани муроҷиатҳои андозсупорандагон оид ба қатъ намудани фаъолият, ба мақомоти ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки ҳангоми баррасии чунин муроҷиатҳо аз андозсупорандагони зерин пешниҳоди маълумотҳои гумрукӣ, маълумотномаҳо аз мақомоти омор ва ҳифзи иҷтимоиро талаб нанамоянд:

1.Андозсупорандагоне, ки бақайдгирии давлатиашон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009, №508 амалӣ карда намешавад ва мақсад аз таъсисашон анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ намебошад (иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии давлатҳои хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарӣ);

2.Бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ;

3.Филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии резидентии Ҷумҳурии Точикистон;

4.Хоҷагиҳои деҳқонӣ, бе ташкили шахси ҳуқуқӣ;

5.Соҳибкорони инфиродие, ки даромади умумиашон то як миллион сомониро ташкил менамояд.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки ҳангоми анҷом додани санҷиши ҳуҷҷатии қатъ намудани фаъолияти ин гуруҳ андозсупорандагон, аз маълумотҳои гумрукии дар Махзани маълумотҳои Барномаи СИА «Баҳисобгирии андозҳо» ҷойгиршуда, истифода намуда,

**дар санади санҷишӣ натиҷаи баррасии Маълумот оид ба маблағи воридоти мол ба қаламрави ҷумҳуриро дарҷ намоянд.**

Иловатан ба маълумотатон мерасонем, ки санҷиши қатъи фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки даромади умумиашон аз як миллион сомонӣ зиёд мебошад, дар мувофиқа бо Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз анҷом дода мешаванд (мактуби дастурӣ №11632/12.1 аз 03.11.2015).

Санҷиши қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба нозироти андози маҳалли қайд, дар мувофиқа бо раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, ш.Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ анҷом дода мешавад (мактуби дастурӣ №11632/12.1 аз 03.11.2015).

Бо мақсади таъмини саривақтии баррасии аризаҳои андозсупорандагон оид ба қатъи фаъолият мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки мӯҳлатҳои зеринро риоя намоянд:

- муроҷиатҳои мақомоти ҳудудии андоз оид ба мувофиқакунонии гузаронидани санҷиши қатъи фаъолият на дертар аз 1 (як) рӯзи корӣ;
- давомнокӣ санҷиши ҳуҷҷатии андоз дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ то 5-рӯзи корӣ ва шахсони ҳуқуқӣ (инчунин филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ) то 10 -рӯзи корӣ;
- давомнокии мувофиқаи натиҷаҳои санҷиш ва пешниҳоди хулоса барои қатъи фаъолият дар Раёсати санҷиши андозҳо, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, ш.Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурӣ на дертар аз 2 -рӯзи корӣ.

Ба мақомотии ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки барои риояи талаботи қайдгардида ҷиҳати саривақт дар доираи талаботи Кодекси андоз ва дастурамалҳо ва мактубҳои дастурии Кумитаи андоз баррасӣ намудани муроҷиатҳои андозсупорандагон чораҷӯи намоянд.

Шӯъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор карда мешаванд, ки амалҳои бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро бо риояи дурусти талабот ва муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» анҷом диҳанд.

Мактуби супоришии Кумитаи андоз аз 26.11.2013, №9754/7.1. «Оид ба қатъ намудани фаъолият» беэътибор дониста мешавад.

Раис Н.Давлатзода